## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII – XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст**

Имрӯз рӯ овардан ба омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаи андухтаи ниёгон оид ба тарбияи инсони дорои ахлоқи шоиста аҳамияти бештарро касб мекунад. Олимон ва муҳаққиқон дуруст дарк кардаанд, ки бе омӯзиши таъриху фарҳанги ниёгон ва анъанаҳои неки тарбияи насли наврас, бе донистани таърихи тарбия дар қарнҳои гузашта таълиму тарбияи насли ҷавонро пеш бурдан, кори саҳл нест. Халқи тоҷик аз қадим дорои мутафаккироне мебошад, ки асарҳои оламшумули онҳо дар ақлу заковати мардум ҷой гирифтаанд ва асрҳост, ки қимати тарбиявии худро на ин ки гум кардаанд, балки дар тарбияи насли наврас саҳми босазо гузошта истодаанд. Ҷавҳари асосиро дар асарҳои мутафаккирони Шарқ арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташкил медиҳанд ва диссертатсияи унвонҷу Фарзонаи Сайфиддин маҳз ба пажӯҳиши масъалаи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои XII – XIII бахшида шудааст, ки дар тарбияи насли наврас дар шароити кунунӣ мубрам арзёбӣ карда мешавад.

Мубрам будани мавзӯи интихобнамудаи унвонҷу Фарзонаи Сайфиддин бо он асоснок карда шудааст, ки рушди ҷомеа дар ҳар кишвари мутараққӣ бо ғановати маънавии таърихи гузаштагонаш иртибот дорад ва танҳо ифтихорот аз дастовардҳои тамаддуни миллӣ, омӯзиши таърих, шинохти фарҳанг ва қадрдонии муттафаккирони хирадманд ва аҳли илму адаби миллати хеш метавонад дар таълиму тарбияи насли нав саҳмгузор бошад ва ин наслро ба баҳрабардорӣ аз ғояҳои маънавии хеш, ба худшиносии амиқ оварда расонад. Ҳамзамон, дар масъалаи мубрам будани мавзӯи интихобнамуда унвонҷу иброз

менамояд, ки имрӯз таваҷҷуҳ ба эҳёи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII - XIII хеле бузург аст. Дар даҳсолаҳои охир масъалаҳои афкори педагогӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик, ки бо решаҳои амиқи таърихии халқи тоҷик, хусусияти хоси фарҳанги бойи мардумӣ ва мероси педагогие, ки тоҷикон дар таърихи тамаддун боқӣ гузоштаанд, алоқаманд мебошанд, таваҷҷуҳи васеи олимон - педагогҳо, психологҳо, таърихнигорон, сиёсатшиносонро ба худ ҷалб кардаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши теъдои зиёди адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳо аз таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ унвонҷу дастгоҳи илмии диссертатсияро босаводона ва илман асоснок таҳия намуда, мазмуну муҳтавои диссертатсия маҳз дар асоси он рӯйи кор оварда шудааст.

Унвонҷӯ зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба он бештар таваҷҷуҳ намудааст, ки мазмуни раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагон тавассути афкори педагоии мутафаккирони Шарқ боз ҳам ғанӣ гардида, таваҷҷуҳи мактаббачагон ба омӯзиши афкори пурғановати педагогии мутафаккирони пешгузаштаи халқи тоҷик бештар мегардад, ки ин заминаи боэътимод дар шинохти фарҳанг ва қадрдонии муттафаккирони хирадманд ва аҳли илму адаби миллати хеш мегардад.

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти хеш ба масъалаҳои баррасии вазъи омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII; ошкор сохтани ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии мутафаккирони асрҳои XII-XIII; нишон додани нақши ғояҳои таълимӣ ва тарбиявии дини Ислом дар ташаккули назарияи педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII эътибори махсус дода, ҳамзамон, оид ба истифодабарии назарияи педагогии мутафаккирони Шарқ пешниҳоду тавсияҳои судмандро ироа намудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки ба ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бахшида шудааст, дар он технологияи истифодаи ҷанбаҳои назариявии ахлоқии мутафккирони форсу тоҷик дар раванди муосири

таълим ва тарбияи насли наврас, дар бораи афкори мутафаккирони форсу тоҷик оид ба саодат ва адолат, заковати инсонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Фикрҳои болозикр дар марҳилаҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратии таҳқиқот амалӣ карда шудаанд.

Хулоса, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда дорои илмияти баланд буда, назарияи илми педагогикаро бо ғояҳои нави илмӣ пурра месозад ва дар ин самт пешниҳоду тавсияҳои дар диссертатсия ироагардида қобили қабул мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Фарзонаи Сайфиддин барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, ноиби ректор оид ба идеология,
тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Аҳмадзода Зулфия Кабир

*Имзои Аҳмадзода З.К-ро тасдиқ мекунам*
*Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* — Зоирхонзода Ф.З.

7-07-2025

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33 Тел: +992985459980; E-mail: zuifiya@mail.ru